«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Вазири
меҳнат, муҳоҷират ва шуғли
аҳолӣ, А. Рахмонзода
_______________25.10.2021

# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи Гурӯҳи кории 5-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи вусъатдиҳии шуғли пурмахсул

аз 15 октябри соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок намуданд:
Аъзои Гурӯҳи корӣ тибқи рӯйхат (замима мегардад).

Рӯзномаи Ҷаласа:
1. Муаррифии Шӯрои миллии рушд ҳамчун платформа барои таҳияи сиёсати умумии рушди устувор;
2. Муаррифии вазифаҳои гурӯҳи кории байниидоравии 5 оид вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Баррасии масъалаҳои вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, аз ҷумла дастовардҳо, мушкилиҳо дар доираи фаъолияти вазорат аз рӯи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон солҳои 2016-2020 ва дигар барномаҳои соҳавӣ дар ҳошияи ҲРУ;
4. Баррасии масъалаи низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

Ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба масъалаи вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул Муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раҳмонзода Абудуғафор кушода, роҷеъ ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасишаванда, аз ҷумла, зарурияти таъсиси Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ибрози назар намуданд. Дар баробари ин, оид ба дарёфти роҳу усулҳои ҳаллу фасли мушкилот дар самти вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, бахусус роҷеъ ба роҳандозӣ намудани механизми мукаммали ҳамкориҳо миёни ниҳодҳои давлатӣ ва агентиҳои мухталифи СММ, инчунин дигар шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ташаббусҳо вобаста ба масъалаи шуғли пурмаҳсул аз рӯи

Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳошияи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар андешаронӣ карда шуд.

Сипас, тибқи рузномаи ҷаласа ҷиҳати возеҳтар шинос гардидан ба мавзуъҳои «Шӯрои миллии рушд ҳамчун платформа дар таҳияи сиёсати умумии рушди устувор» аз ҷониби сармутахассиси раёсати рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Камолиддин Бозӣ, вазифа ва функсияҳои Гуруҳи кории байниидоравии 5 «Вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти ҶТ» аз ҷониби мушовири иқтисодӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Достиев Абдуқодир, масъалаҳои вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, аз ҷумла дастовардҳо, мушкилиҳо дар доираи фаъолияти вазорат аз рӯи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва дигар барномаҳои соҳавӣ бо назардошти Ҳадафҳои рушди устувор аз ҷониби Мудири шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Фаридун Восиев ва низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, инчунин фарқияти асосии он аз низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва ҳамгироии ҲРУ дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ аз ҷониби коршинос БРСММ, Одинаев Одина муаррифномаҳо пешниҳод гардиданд.

Баъд аз пешниҳоди муаррифномаҳо дар қисмати муҳокимарониҳо ва саволу ҷавоб дар доираи баррасии ҳар як мавзуъ иштирокчиёни ҷаласа фикру ақидаҳои худро иброз доштанд. Аз ҷумла, Абдувалӣ Қулов - Сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тез-тез тағйирёбии вазъияти бозори меҳнат вобаста ба рушди иқтисодиёти кишвар, ба инобат гирифтани мафҳумҳо ва тавсияҳои конвенсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар даҳ соли охир дар Стратегияҳо ва барномаҳои таҳияшавандаи кишвар, истифодаи методологияи нави Ташкилоти байналмилалии меҳнат барои ҳисоб кардани шуғл, дар ҳоле дар Тоҷикистон баҳодиҳии шуғл танҳо бо воситаи нишондиҳандаи шумораи машғулин ё нишондиҳандаи шахсони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол гузаронида мешавад, муҳокимаронӣ намуд.

Фаъолияти меҳнатӣ он фаъолияте мебошад ки фарқ надорад дар куҷо анҷом дода мешавад дар корхонаи давлатӣ, хусусӣ, дар хонавода ё дар ягон сохтори дигар бошад. Фаъолияти меҳнатие, ки барои беҳтар намудани иқтисоди сатҳи хонавода равона шуда, барои истеъмолоти

шахсӣ истеҳсол менамояд, зиёда аз 1,5 млн нафарро ташкил медиҳад. Аз ҷумла ҳиссаи назаррасро дар ин нишондиҳанда занҳо ташкил медиҳанд, ки фаъолияти онҳоро қариб ба инобат намегирем. Мушкилоти асосӣ дар ин самт ба мувозинат овардани қувваи кории истифоданашуда дар бозори меҳнат аз ҳисоби ҷалби занҳо ба кор маҳсуб меёбад. Истифодаи қувваи ҷавонон ва занҳо, ки мактабро хатм карда, гӯё функсияи худро иҷро намудаанд дигар ба идома додани таҳсил ва фаъолияти корӣ мароқ зоҳир наменамоянд ва дар интихоб озоданд. Нишондиҳандаи Net ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон писарбачаҳо ҳамагӣ 7 фоиз яъне бекор ва ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд, аммо духтарон, занҳо аз синни 15 то 24 сола 40 фоизро ташкил медиҳанд. Дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷойҳои кории доимӣ зиёд карда шаванд. Дар самти саноат, сохтмон, савдо ва хизматрасониҳо фаъолияти меҳнатӣ асосан бе қайди ҳуҷҷатгузорӣ анҷом дода шуда, то 60-70 фоизро шуғли ғайрирасмиро ташкил медиҳад. Имруз шуғли ғайрирасмӣ бисёр ҳам рушд кардааст, сабаби рушд карданаш ин фарҳанги пасти аҳолӣ, фаъол набудани фишангҳои танзимкунанда ва фаъолияти коррупсионӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи назари намояндаи Вазорати кишоварзӣ, Аминов Ф. И. Дар шумораи аҳолии қобили меҳнат занҳо ва корҳои мавсимӣ ба инобат гирифта намешаванд.

Намояндаи Иттиҳодияи Миллии Маъюбони Тоҷикистон, Додоҷонова Раъно қайд карданд, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Точикистон дар бораи «Ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ба ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандони онҳо ба андозаи на камтар аз панҷ фоиз аз шумораи умумии кормандон ба маъюбон барои ба кор қабул кардан квота мукаррар карда шудааст. Мутобиқи қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон ба ташкилоте, ки маъюбонро ба кор таъмин менамоянд, имтиёзҳои андозӣ муқаррар карда шудааст, барои ашхоси солим аз фаъолияти корӣ даромад ба даст овардан бошад, аммо барои шахсони дорои маъюбият ин тавонбахши ва аъзои ҷомеа худро маълум кардан аст, камбудиҳое, ки қонуну қарорҳо дар шуғли аҳолӣ оиди ба кор таъмин кардани маъюбон ҳаст аз нав дида баромада шавад. Нафароне, ки маъюбияти Гуруҳи якум доранд ба онҳо маълумоти корношоямӣ дода мешавад, ҳол он, ки онҳо қобили меҳнат ҳастанд ва онҳо метавонанд меҳнат кунанд, вобаста ба шароити муҳити ҷойи кор бисёртар ба онҳо аҳамият дода шавад.

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон, Мамадалӣ Сабоҳат Рустам- Мудири бахши иттилоотӣ қайд кард, ки аз соли 2006 то ин ҷониб ҳамасола занони маъюб ва осебпазир бо квотаҳо таъмин карда мешавад. Чунончи соли 2021 18 нафар занони дорои маъюбият новобаста аз намуди фаъолияташон соҳиби грант гаштанд. Кумитаи кор бо занон кушиш менамояд, ки қишри осебпазири ҷомеаро, яъне занонро бо ҷойи кор таъмин ва корҳои мавсимӣ ҷалб намояд, баррасии масъалаи меҳнати пардохнашавандаи занон дар назар аст.

Сармутахассиси раёсати рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Камолиддин Бозӣ зикр кард, ки Стратегияии миллии рушди Ҷумхурии Точикистон то давраи соли 2030 як қатор вазифаҳои калидии самтҳои минбаъдаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатро муайян менамояд. Ҳуҷҷати мазкур татбиқшавии Ҳадафҳои рушди устуворро дар заминаи Ҳадафҳои Стратегияи миллӣ аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар таъмин менамояд. Рушди устувор гуфта сиёсати ба инобат гирифтани талаботи наслҳои ояндаро дар назар доранд. Дар Ҷумҳурии Точикистон яке аз омилҳое, ки бештар аз ҳама ба рушди устувор таъсири манфӣ мерасонад соҳаи саноат арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ зарур аст, ки дар доираи Гурӯҳи кории мазкур намояндаи олимони соҳа низ ҷалб карда шаванд то ки нуқтаи мувозини саноатикунонӣ ва рушди устувор халалдор нагардад ва сиёсати саноатикунонии кишвар ба яке аз омилҳои мусбат дар амалишавии Рушди устувор дар Ҷумхурии Точикистон табдил дода шавад.

Ҷиҳати фаъол гардидани Гурӯҳи кории 5 «Вусъатдихии шуғли пурмахсул»-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дастурамали фаъолияти Гурӯҳи корӣ оид ба вусъатдихии шуғли пурмаҳсул, аз ҷумла бо назардошти вазифаҳои аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ ва роҳбари Гурӯҳи корӣ таҳия намуда, ба аъзои он барои мувофиқа пешниҳод намояд.

- Руйхати аъзои Гуруҳи корӣ таҳия ва тасдиқ карда шавад.

2. Маркази машваратии Барномаи рушди СММ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо:

- барои таҳкими нерӯи вазорату идораҳо оид ба масъалаи вусъатдихии шуғли пурмахсул чорабиниҳои омӯзишӣ ташкил ва баргузор намояд.

Котиби ҷаласа Достиев А.